# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография.**

*18 апрели соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Комилов С.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Толибзода Қ.Қ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шералии Сайдалӣ хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шералии Сайдалӣ ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Шералии Сайдалӣ, 30-юми майи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Шералии Сайдалӣ соли 2010 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси идораи давлатӣ ва маҳаллӣ хатм намудааст.

Шералии Сайдалӣ соли 2014 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст.

Солҳои 2016-2017 ҳамчун ассистент дар кафедраи фаъолияти биржавӣ ва коғазҳои қиматноки Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба кор қабул шудааст.

Солҳои 2017-2018 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими раёсати таълим ва маркази бақайдгирии низоми таҳсилоти

кредитии Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2018-2025 ба ҳайси эдвайзери (дар самти таълим)-и шуъбаи таҳсилоти фосилавии факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Соли 2015 (04.08.2025) ба ҳайси эдвайзери (дар самти таълим)-и шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқи иқтисодӣ ва гумруки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз моҳи августи соли 2025 то инҷониб ба ҳайси сармутахассиси раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон намуда истодааст.

Солҳои 2017-2021 ба ҳайси унвонҷӯй дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14. – иқтисодиёти меҳнат ва демография дар дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31.05.2021, суратҷаласаи №10/4.1. тасдиқ шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 12 мақолаи илмӣ, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдулхайр Каримович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 4,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти

индустриалӣ – инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», хулосаҳои зерин бароварда шудаанд:

## *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Шералии Сайдалї дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14. – иқтисодиёти меҳнат ва демография мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 5 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

## *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

## *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

**1.** Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14. – иқтисодиёти меҳнат ва демография ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Гадоев Амиршо Ҷурахонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

- Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Дустбоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ.

д.и.и., дотсент Толибзода Қ.Қ.

*Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям.*

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Машокиров Ҷ.Н.